«Тасдиқ мекунам»
Муовини якуми Сарвазири
Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раиси Шӯро,
_____________ Давлаталӣ Саид
«03» марти соли 2017

Протоколи №2
ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ

Раисикунанда. Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлаталӣ Саид - Раиси Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ.

Дар ҷаласа ҳайати Шӯро ва шахсони масъули даъватшуда иштирок доштанд.

Рӯзномаи ҷаласа:

1. Гузориши Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, муовини Раиси Шӯро - Қаххорзода Файзиддин Саттор оид ба рафти иҷрои супоришҳои Протоколи №1 Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ аз 16 декабри соли 2016.
2. Баррасии нақшаҳои солона ва номгӯи масъалаҳои назоратии мақомоти санҷишие, ки барои мувофиқа ба Шӯро пешниҳод гардидаанд, гузориши Котиби масъули Шӯро - Яздонзода Исфандиёр Ҳамроқул.
3. Баррасии лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ислоҳоти минбаъдаи соҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор".

Ҷаласаро Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раиси Шӯро оғоз карда, ҳозиринро бо масъалаҳои баррасишавандаи рӯзнома ва мақсади ҷаласа шинос намуданд.
Аз ҷумла қайд намуданд, ки дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 22 декабри соли 2016 ироа гардид, доир ба кам намудани санҷишҳо ва шаффофу содда гузаронидани санҷишҳои субъектҳои хоҷагидор дастуру супоришҳо дода шуданд.
Ҳамзамон, оид ба қарорҳои қабулнамудаи ҷаласаи якуми Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ, ки бо мақсади татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" ва идома додани ислоҳоти гузаронидашуда дар самти санҷиши

фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро дар бар мегирифтанд, ёдоварӣ карда шуд.

Дар баробари ин қайд гардид, ки бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" ва сол ва аз қувваи қонунӣ пайдо кардани он 7 моҳ сипарӣ гашт. Имсол дар доираи фаъолияти Шӯро шумораи санҷишҳои нақшавӣ то 70 фоиз нисбати соли гузашта коҳиш мёбад.

Оид ба масъалаи якуми ҷаласа аз тарафи Раиси Шӯро сухан ба муовини Раиси Шӯро - Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Қаҳҳорзода Ф.С. дода шуд.

Муовини Раиси Шӯро дар баромади худ қайд намуд, ки бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварамон ислоҳоти иқтисодӣ, ки ҳадафи асосиашон дастгирии воқеии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ мебошад, гузаронида шуданд ва ислоҳоти санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, ки соли 2013 оғоз гардида буд, аз ҷумлаи онҳо мебошад. Дар натиҷаи гузаронидани ислоҳоти зикргардида Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" дар таҳрири нав қабул гардид, ки мувофиқи он дар ҷумҳурӣ 31 мақоми санҷишӣ ва 56 мавзӯи санҷишҳо муштахас муайян карда шудааст. Мақомотҳо дар доираи ваколатҳои худ санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро аз рӯйи таваккал, ки рукни ҷудонашавандаи санҷиши байналмилалӣ мебошад, ба роҳ мемонанд.

Инчунин аз ҷониби муовини Раиси Шӯро оид ба иҷрои бандҳои қарори Протоколи ҷаласаи нахустини Шӯро ва мониторинги гузаронидашуда ба аъзои Шӯро маълумоти муфассал пешниҳод гардид. Қайд карда шуд, ки маҷмуаи Протоколи номбурда фарогири 10 банд буда, ҳамаи онҳо дар маҷмӯъ иҷро шудаанд.

Дар як вақт, бо дарназардошти талаботи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" ва ҷиҳати иҷрои банди 5 Низомномаи Шӯро лоиҳаи "Меъёрҳои умумии арзёбии самара ва натиҷабахши фаъолияти марбут ба санҷишҳои мақомоти санҷишӣ", ки аз тарафи Котиботи Шӯро таҳия карда шудааст, ба баррасии аъзои Шӯро пешниҳод карда шуд.

Дар муҳокимаи масъалаи мазкур аъзои Шӯро, Вазири адлия – Рустами Шоҳмурод баромад намуда, таклиф карданд, ки ҷиҳати такмили лоиҳаи "Меъёрҳои умумии арзёбии самара ва натиҷабахши фаъолияти марбут ба санҷишҳои мақомоти санҷишӣ" гурӯҳи корӣ таъсис дода шавад. Пешниҳоди мазкур аз ҷониби дигар аъзои Шӯро ҷонибдорӣ гардид.

Аз рӯи масъалаи дуюми рӯзнома, аз ҷониби Раиси Шӯро сухан ба Котиби масъули Шӯро - Яздонзода И.Ҳ. дода шуд.

Котиби масъули Шӯро, дар баромади худ маълумоти таҳлилиро оид ба санҷишҳои нақшавии мақомоти санҷишӣ барои соли 2017, масъалаҳои назоратии мақомоти санҷишӣ ва талаботи қонунгузории санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро ба аъзои Шӯро муаррифӣ намуд. Инчунин, дар гузориш оид ба камбудиҳои ҷойдоштаи нақшаҳои солонаи

гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, аз ҷумла, дар баъзе нақшаҳо қайд нагардидани давраи санҷиш, давомнокии санҷиш ба таври дақиқ дарҷ нагардидааст. Ҳамзамон, оиди аз ҷониби 2-3 мақомот пайдарҳам гузаронидани санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор, ки сарбориро барои фаъолияти онҳо ба миён меорад, қайд карда шуд.

Дар муҳокимаи нақшаҳои мақомоти санҷишӣ Вазири адлия – Шоҳмурод Р., муовини Вазири корҳои дохилӣ – Умарзода И., муовини раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зист – Шарипова О., роҳбари Иттифоқи бахши хусусии Тоҷикистон – Раҷабов Ф., намояндаи Ташкилоти ҷамъиятии "Маркази мусоидати ҳуқуқӣ ва рушди соҳибкорӣ" – Разоқов Б. ва дигарон иштирок намуданд.

Дар баробари ин, Вазири адлия – Шоҳмурод Р. пешниҳод намуд, ки таҳлили омории санҷишҳои муштараки мақомоти санҷишӣ, ки дар якҷоягӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баргузор мегарданд, гузаронида шавад.

Оид ба масъалаи сеюми ҷаласа Раиси Шӯро иброз намуданд, ки аз натиҷаи баррасии таҳлил ва тавсияҳои мушовирони байналмилалии Бонки Осиёгии Рушд ва Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ, Гурӯҳи Бонки Умумиҷаҳонӣ, бо дарназардошти таклифҳои аъзоёни Шӯро аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ислоҳоти минбаъдаи соҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда буд. Дар ин робита, лоиҳаи мазкур ба вазорату идораҳои дахлдор барои баррасӣ ирсол гардиданд.

Дар муҳокимаи лоиҳаи зикргардида Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ – Олимзода Н.Х. баромад карда, оид ба фаъолияти хадамотҳои зертобеи вазорат ба аъзои Шӯро маълумот пешниҳод намуд. Дар навбати худ муовини Вазири кишоварзӣ – Мусоев Н.Н. иброз намуд, ки лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ислоҳоти минбаъдаи соҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" қобили дастгирӣ мебошад.

Сипас, Раиси Шӯро дар баромади худ қайд карданд, ки лоиҳаи санади мазкур баҳри иҷрои дастуру супоришҳои Роҳбари давлат, инчунин ҷиҳати татбиқи тадбири 1 Матритсаи Бонки Осиёгии Рушд дар хусуси кам кардани мақомоти санҷишӣ омода гардидааст.

Таҳияи лоиҳаи пешниҳодшуда идомаи ислоҳот дар соҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор буда, марҳилаи аввал дар самти кам кардани мақомоти санҷишӣ ба ҳисоб меравад. Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон минбаъд низ дар ин самт корҳо идома ёфта, шумораи мақомоти санҷишӣ коҳиш дода мешаванд.

Вобаста ба масъалаи матраҳшаванда аъзои Шӯро, Вазири адлия – Шоҳмурод Р., Вазири рушди иқтисод ва савдо – Ҳикматуллозода Н., роҳбари Иттифоқи бахши хусусии Тоҷикистон – Раҷабов Ф. ва дигарон изҳори ақида карданд.

**Баъд аз муҳокимаи масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа қарорҳои зерин қабул карда шуд:**

1. Гузориши Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Раиси Шӯро – Қаххорзода Ф.С. оид ба рафти иҷрои супоришҳои Протоколи №1 Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ аз 16 декабри соли 2016 ба инобат гирифта шавад.

2. Ҷиҳати таҳияи "Меъёрҳои умумии арзёбии самара ва натиҷабахши фаъолияти марбут ба санҷишҳои мақомоти санҷишӣ" аз ҳисоби вазорату идораҳои дахлдор ва намояндагони бахши хусусӣ гурӯҳи корӣ таъсис дода шавад.

3. Гурӯҳи корӣ лоиҳаи зикргардидаро таҳия дода, онро дар муддати ду ҳафта ба Котиботи Шӯро пешниҳод намояд.

4. Нақшаҳои гузаронидани санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидори Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Агентии хоҷагии ҷангал, Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, Кумитаи телевизион ва радио, Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилӣ, Хадамоти давлатӣ оид ба назорат дар соҳаи энергетикаи Вазорати энергетика ва захираҳои об, Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникии Вазорати энергетика ва захираҳои об, Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Хадамоти назорати давлатии фаъолияти тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии стандартизатсия, сертификатсия, метрология ва нозироти савдо (Тоҷикстандарт), Хадамоти назорати давлатии зотпарварии Вазорати кишоварзӣ, Бозрасии назорати давлатии техникаи кишоварзии Вазорати кишоварзӣ, Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёти Вазорати нақлиёт, Хадамоти алоқа, Вазорати маориф ва илм, Кумитаи забон ва истилоҳот, Агентии назорати маводи нашъаовар, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, Хадамоти назорати давлатии истифодаи амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Бозрасии назорати давлатии тухмии назди Вазорати кишоварзӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Хадамоти зиддиинҳисорӣ, Академияи илмҳо (мақомоти иҷозатномадиҳанда), Саридораи ҳифзи сирри давлатӣ (мақомоти иҷозатномадиҳанда) ва Вазорати саноат ва технологияҳои нав (мақомоти иҷозатномадиҳанда) барои соли 2017 маъқул дониста шаванд.

Нақшаҳои гузаронидани санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор барои соли 2017, ки аз ҷониби Агентии омор, Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкорӣ, Хадамоти назорати давлатии фитосанитарӣ ва карантини растании назди Вазорати кишоварзӣ, Нозироти давлатии нёргирии назди Вазорати молия,

Хадамоти назорати давлатии байтории назди Вазорати кишоварзӣ пешниҳод гардиданд, дар маҷмӯъ маъқул дониста шуда, камбудиҳои ҷойдошта бо дарназардошти талаботи моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" бартараф ва дар мӯҳлати 10 рӯз ба Котиботи Шӯро пешниҳод карда шаванд.

5. Номгӯи масъалаҳои назоратии Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Агентии хоҷагии ҷангал, Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, Хадамоти давлатӣ оид ба назорат дар соҳаи энергетика, Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникии Вазорати энергетика ва захираҳои об, Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Хадамоти назорати давлатии фаъолияти тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии стандартизатсия, сертификатсия, метрология ва нозироти савдо (Тоҷикстандарт), Хадамоти назорати давлатии зотпарварии Вазорати кишоварзӣ, Бозрасии назорати давлатии техникаи кишоварзии Вазорати кишоварзӣ, Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёти Вазорати нақлиёт, Кумитаи забон ва истилоҳот, Агентии назорати маводи нашъаовар, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, Нозироти давлатии йиғгирии назди Вазорати молия, Агентии омор, Хадамоти зиддиинҳисорӣ, Хадамоти назорати давлатии байтории назди Вазорати кишоварзӣ, Хадамоти назорати давлатии истифодаи амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Академияи илмҳо (мақомоти иҷозатномадиҳанда), Саридораи ҳифзи сирри давлатӣ (мақомоти иҷозатномадиҳанда), Вазорати саноат ва технологияҳои нав (мақомоти иҷозатномадиҳанда) маъқул дониста шаванд.

Кумитаи телевизион ва радио, Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилӣ, Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Хадамоти алоқа, Вазорати маориф ва илм, Бозрасии назорати давлатии тухмии назди Вазорати кишоварзӣ, Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкорӣ, Хадамоти назорати давлатии фитосанитарӣ ва карантини растании назди Вазорати кишоварзӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ тибқи тартиби муқарраргардида Номгӯи масъалаҳои назоратиро дар мӯҳлатҳои кутоҳтарин ба Котиботи Шӯро пешниҳод намоянд.

6. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва мақомоти санҷишӣ тибқи тартиби муқарранамудаи қонунгузории санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор Нақшаҳои гузаронидани санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро барои соли 2017 ва Номгӯи масъалаҳои назоратиро дар сомонаи расмии худ ва васоити ахбори омма ҷойгир намоянд.

7. Мақомоти санҷишӣ оид ба рафти татбиқи нақшаҳои солонаи гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор барои соли 2017 дар ҷаласаи навбатии Шӯро ҳисобот пешниҳод намоянд.

8. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар якҷоягӣ бо вазоратҳои адлия, молия, рушди иқтисод ва савдо, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, кишоварзӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ислоҳоти минбаъдаи соҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор"-ро такмил дода, фавран ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

9. Назорати иҷрои Протоколи мазкур ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вогузор карда мешавад.

| | |
|---|---|
| Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, муовини Раиси Шӯро | Ф. Қаҳҳорзода |
| Аъзои Шӯро: | |
| Вазири адлия | Р. Шохмурод |
| Вазири молия | А. Қурбониён |
| Вазири рушди иқтисод ва савдо | Н. Ҳикматуллозода |
| Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | Н. Олимзода |
| Вазири саноат ва технологияҳои нав | Ш. Бобозода |
| Вазири корҳои дохилӣ | Р. Раҳимзода |
| Вазири кишоварзӣ | И. Сатторӣ |
| Раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ | Р. Аҳмадзода |
| Роҳбари Иттифоқи рушди бахши хусусии Тоҷикистон (намояндаи бахши хусусӣ) | Ф. Раҷабов |
| Муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | Нигина Анварӣ |
| Котиби масъули Шӯро | И. Яздонзода |